# Калимаҳои асосӣ: Шиносоӣ бо маҳсулоти ёрирасон

| Истилоҳ | Таърифи | Расм |
|---|---|---|
| **Дастгоҳи шунавоии пасигӯшӣ** | Дастгоҳи шунавоии пасигӯшӣ дар қисми болоии гӯш часпонда шуда, дар пушти гӯш қарор мегирад. Лӯлача дастгоҳи шунавоиро бо гӯшии супоришӣ, ки қолабаки гӯш ном дорад ва дар маҷрои гӯши шумо ҷой мегирад, пайваст мекунад. |   Дастгоҳи шунавоӣ |
| **Катетер** | Лӯлачаи мулоим, ки барои ихроҷ кардани пешоб аз пешобдон истифода мешавад. Онро баъзе одамоне, ки пешобдони худро мустақилона ё ихтиёран холӣ карда наметавонанд, истифода мебаранд. |  |
| **Сустӣ** | Заиф, шикастпазир ва бо энергияи кам. Аксари ҳолатҳо замоне рух медиҳад, ки одамон пир мешаванд ва вазъи саломатиашон бадтар мешавад. | |
| **Назорат карда натавонистани функсияи экскреторӣ** | Вақте ки одам дар идора кардани пешобдон ё рӯдаҳои худ ба душворӣ дучор мешавад ё онҳоро назорат карда наметавонад. | |
| **Соати гӯё ё ламсӣ** | Соате, ки бо садои баланд вақтро эълон мекунад. |   |
| **Кормандон** | Одамоне, ки дар хадамот ё созмон кор мекунанд. | |
| **Роҳраваки чархдор** | Роҳраваки дорои чор чарх. |  |
| **Сактаи мағзи сар** | Қатъ шудани ҷараёни хун дар майнаи сар. Ин метавонад боиси суст ё фалаҷ шудани як тарафи бадан, ҳамчунин мушкилоти гапзанӣ, ҳис кардан, фикр кардан ва дидан гардад. | |
| **Рӯйхати афзалиятноки ТУТ оид ба** | Рӯйхати афзалиятноки маҳсулоти ёрирасон, ки аз ҷониби Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ таҳия карда шудааст. Рӯйхати мазкур моделе ба шумор | |

| | | |
|---|---|---|
| **маҳсулоти ёрирасон** | меравад, ки кишварҳо метавонанд аз он барои тартиб додани рӯйхати авлавиятноки миллии маҳсулоти ёрирасони худ истифода кунанд. | |
| **Фалаҷи мағзи сар** | Гурӯҳи ҳолатҳое, ки ба ҳаракат, тонуси мушакҳо, мувозинат ва вазъияти бадан таъсир мерасонад. Фалаҷи мағзи сар натиҷаи осеб ба мағзаи сар пеш аз таваллуд, ҳангоми он ва баъд аз он мебошад. | |
| **Синдроми Даун** | Ҳолате, ки одам бо он таваллуд мешавад. Синдроми Даун метавонад боиси баъзе мушкилоти саломатӣ, рушд ва шинохт (фикрронӣ) гардад. Одамони дорои синдроми Даун метавонанд хусусиятҳои хоси ҷисмонӣ дошта бошанд. | |
| **Осеби ҳароммағз** | Осеби ҳароммағз, ки одатан садама ё беморӣ боиси он мегардад. Баъд аз зарар дидани ҳароммағз сигналҳо наметавонанд дар байни ҳароммағз, бадан ва майнаи сар ҳаракат кунанд. Аксари вақтҳо одам ҳаракат карда наметавонад (фалаҷ мешавад) ва аз сатҳи осеб поёнтарро эҳсос карда наметавонад. | |